# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ).**

Китобу китобхона ба сифати яке аз воситаҳои асосӣ ва муассири инкишофи маърифат ва фарҳанги ҷомеа пазируфта шуда, ҷойгоҳи онҳо дар рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барҷаста арзёбӣ мегардад. Бо ибораи дигар, китоб ба сифати шиносномаи шоистаи ҳар як халқу миллат барои поку бегазанд нигоҳ доштани дастоварду арзишҳои ақвому милал ва аз як насл ба насли дигар интиқол додани хотираи таърихӣ нақши бағоят бузург дорад.

Бо шарофати сиёсати фарҳангофару фарҳангпарвари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳ ба китоб ва китобхона бештар гардид, муносибат нисбат хониш мазмуну муҳтавои навро касб кард, арзишҳои волои таърихиву фарҳангӣ ва илмии ниёгон аз нав эҳё гардиданд ва маҳз китоб ба ҳайси интиқолдиҳанда ва инъикоскунандаи дастовадҳои муҳимии таърихию фарҳангӣ ва яке аз омилҳои муҳими рушди ҷомеа эътироф гардид.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) таҳия шуда, таҳқиқоти арзишманд ва мубраму саривақтӣ дар самти такмили инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии мамлакат маҳсуб меёбад.

**Мақсади асосии таҳқиқот** ба асосноксозии назариявии амсилаи такмили таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он бахшида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир гардидааст, ки сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он аз ҷониби муаллиф ба таври

амиқ таҳлилу баррасӣ гардиданд. Ҳамчунин, таҳия ва пешниҳоди амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он бешак саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

Диссертант дар ҷараёни омӯзиши мавзуъ 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълимӣ (дар ҳаммуалифӣ) таҳия ва нашр намудааст, ки ин заҳмати чандинсоларо талаб мекунад ва кори мондагор аст.

Диссертатсия аз сарсухан, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқикот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, мазмуну мундариҷаи вазифаҳои гузоштаншудаи таҳқиқотро инъикос мекунанд

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври мукаммал инъикос мекунад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Даврон Ҷурахон

Имзои Сафарзода Д.Ҷ.-ро
**“Тасдиқ мекунам”**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф. З.

«02» 04 соли 2025

**Суроға:** 734003, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33
Тел.: +992 (37) 224-17-86; 372-24-17-86
Сомона: https://www.apa.tj/; E-mail: info@apa.tj